**Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Шарипов Самандар Самариддинович дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, пешниҳод шудааст (Душанбе, 2023. – 27 саҳ.).**

Диссертатсияи Шарипов Самандар Самариддинович ба яке аз мавзуъҳои муҳимми дорои хусусияти амалидоштаи ҳуқуқи ҷиноятӣ бахшида шудааст. Аз таҳлили автореферати мазкур бармеояд, ки таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқ мебошад.

Вобаста ба ин, навгониҳои муаллифи авторефератро ҳамчун падидаи прогресивӣ дастгирӣ бояд кард. Зеро, муаллиф дар доираи таҳқиқоти анҷомдода сари камбудиҳои м. 294-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон руҷӯъ намуда, баҳри такмил додани қонунгузории ҷиноятии ватанӣ камари ҳиммат бастааст.

Муаллифи автореферат вобаста ба мушкилоти ҷойдошта пешниҳоду таклифҳо манзур намуда, навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки рисолаи диссертатсионии мазкур яке аз нахустин пажӯҳиши мукаммал, ҳаматарафа, сохторӣ-пуррагӣ, таҳлили муқоисавии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон мувофиқи қонунгузории ҷиноятии ҶТ пешбинишуда, ба шумор меравад.

Нуктаҳои асосии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, навгонии рисолаи илмӣ ва ҳалли вазифаҳои гузошташударо инъикос

менамоянд. Аз ин нуктаи назар, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии Шарипов Самандар Самариддинович илман асоснок буда, бо далелу асосҳои боварибахши назариявӣ, ҳуқуқӣ ва амалияи судиву тафтишотӣ мустаҳкам шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои муаллифи автореферат оид ба танзими қонунгузории ҷиноятӣ оид ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон равона гардидааст. Ҳамчунин, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснокии таҳқиқоти анҷомдодаро нишон медиҳанд.

Бояд ёдовар шуд, ки таҳқиқоти анҷомдодаи Шарипов Самандар Самариддинович мусбат мебошад, зеро он яке аз нахустин пажуҳиши комплексӣ оид ба масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои аъзои ИДМ мебошад, ки барои муҳаққиқони оянда заминаҳои мусоидро дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мегузорад.

Дар маҷмуъ, бояд гуфт, ки автореферати диссертатсияи номзадии Шарипов Самандар Самариддинович мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, дар он масъалаҳои бамиёнгузошта аз лиҳози илмӣ пай дар пай ва асоснок матраҳ гардида, аз рӯйи диди тоза ва мантиқ таҳлил гардида, сазовори баҳои мусбат аст.

Дар баробари таҳқиқоти пурра анҷомёфта, баъзе аз эродҳо ҷой доранд, ки хусусияти ҷузъӣ дошта, қиммати автореферати диссертатсияро коста намегардонанд.

Муаллиф дар пешниҳодҳое, ки ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ равона гардидаанд, дар банди ҳаштум пешниҳод намудааст, ки дар қ. 2 м. 294 КҶ ҶТ ҳолати бандубастшавандаи «аз ҷониби шахсе, ки қаблан барои фиреби истеъмолкунандагон суд шудааст, содир шуда бошад», хориҷ карда шавад. Бо пешниҳоди мазкур розӣ шудан мушкил аст, чунки нафаре, ки қаблан барои фиреби истеъмолкунандагон суд шуда, ислоҳ нагардидааст,

мувофиқи қоидаҳои умумии таъини ҷазо, бояд ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи ҷазо ба инобат гирифта шавад. Аз ин рӯ, вобаста ба ин масъала иловатан андешаи муаллифро шунидан мехоҳем (саҳ. 14).

Эроди зикршуда хусусияти бартариҳои илмии таҳқиқоти диссертатсиониро коста намекунад. Аз ин рӯ, гуфтан имконпазир аст, ки таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он – Шарипов Самандар Самариддинович сазовори дарёфтаи дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Муовини ректор оид ба корҳои илмии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон, ба номи С. Айнӣ
д.и.ҳ., профессор Сангинзода Д.Ш.

**Имзои Сангинзода Д.Ш.-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон,
ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.

«19» 10 2023 с.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон, ба номи С. Айнӣ, 734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121; Тел.: (+992) 37 224-13-83; сомона: www.tgpu.tj; E-mail: info@tgpu.tj.